## Суратмаҷлиси №78

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 10-уми октябри соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №363/шд тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Иваз намудани санаи ҳимояи диссертатсияи Файзова Тахмина Иззатуллоевна дар мавзуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи “Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

### БАРОМАД КАРДАНД:

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Гулназарзода Ж.Б. ва котиби илмии шуро, номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н. гузориш доданд, ки дар асоси эълони дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда бояд ҳимояи диссертатсияи Файзова Тахмина Иззатуллоевна дар таърихи 12.09.2024 ва Ҳусайнова Фарида Бозоровна бошад 14.09.2024 гузаронида мешуд. Бо сабаби ворид гардидани тағйирот ба ҳайати шурои диссертатсионӣ дар санаи зикршуда ҳимояи диссертатсияҳои мазкур сурат нагирифт ва дар ин хусус ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби расмӣ фиристода шудааст. Аз ин рӯ, зарурати иваз намудани санаи ҳимояи

диссертатсияи Файзова Тахмина Иззатуллоевна дар мавзуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи “Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пеш омадааст.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Санаи ҳимояи диссертатсияи Файзова Тахмина Иззатуллоевна дар мавзуи “Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ва Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи “Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) иваз карда шавад.
2. Таърихи баргузории ҳимояи диссертатсияи Файзова Тахмина Иззатуллоевна 28.11.2024, соати 13:00 таъин карда шавад.
3. Замони баргузории ҳимояи диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна 28.11.2024, соати 15:00 таъин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.